# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Машокиров Ҷамшед Неъматуллоевич ба диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзӯи: «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд )», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) пешниҳод карда шудааст.**

Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна соли 2000 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатии худро дар соҳаи иқтисод ва таҳсилоти олӣ идома дода, ҳамзамон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст. Аз соли 2021 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода истодааст. Мавзуи диссертатсионии Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна бо қарори Шурои олимони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, протоколи №3 тасдиқ гардидааст.

Шарипова М.Н. зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионии худ дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ, инчунин интихоби асосҳои назариявию методологии таҳқиқот нишон додааст. Дар ҷараёни таҳқиқот ӯ қобилияти хуби таҳлилӣ, хулосабарорӣ ва истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодиро ба таври шоиста ба кор бурдааст.

Ҳамзамон, Шарипова М.Н. ҳамасола дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ ва фишурдаҳои худ баромад кардааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии ӯ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ ба нашр расидаанд.

Умуман, Шарипова М.Н. дар давоми анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол, ташаббускор ва дорои малакаи баланди таҳқиқоти мустақили илмӣ муаррифӣ намудааст. Ӯ тавонистааст мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок намуда, барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда усулҳои муносиб ва муосири таҳқиқотиро истифода барад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмии ватаниву хориҷиро вобаста ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана, инчунин таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷиро дар ин самт мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳои бадастомада бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии онҳо барои рушди соҳаи савдо ва такмили низоми идоракунии хавфҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд.

Мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Шарипова М.Н. аз он бармеояд, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, рақобати афзоянда ва тағйирёбии муҳити соҳибкорӣ масъалаи ташаккул ва рушди низоми самараноки риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана аҳамияти махсус пайдо намудааст. Идоракунии самараноки хавфҳо яке аз омилҳои асосии таъмини фаъолияти устувори субъектҳои савдо, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва рушди устувори соҳаи хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, зарурати таҳияи роҳу усулҳои илмӣ ва амалии такмил додани низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана, бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои савдо ва шароити муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба миён меояд. Амалӣ намудани тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои савдои чакана, паст намудани сатҳи хавфҳои иқтисодӣ ва таъмин намудани рушди устувори соҳаи савдо мусоидат намояд.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, заминаи иттилоотӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд. Ҳамчунин, муқаррарот ва хулосаҳои асосии дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии пайдоиши риск дар соҳаи савдои чакана дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ» масъалаҳои «Савдои чакана: нақш ва мавқеи он дар шароити иқтисодиёти трансформатсионӣ», «Асосҳои методии ташаккулёбии риск дар соҳаи савдои чакана» ва «Таҷрибаи хориҷии татбиқи риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана» мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Таҳлил ва арзёбии риск дар соҳаи савдои чаканаи вилояти Суғд» масъалаҳои «Таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди савдои чаканаи вилояти Суғд», «Арзёбии риск дар соҳаи савдои чаканаи вилояти Суғд» ва «Усулҳои ташаккули низоми идоракунии риск ва омилҳои таъсиррасони он дар соҳаи савдои чакана» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Самтҳои муосири ташаккул ва рушди механизми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана» масъалаҳои «Стратегияи риск-менеҷмент дар рушди соҳаи савдои чакана» ва «Самтҳои асосии рушди механизми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана» баррасӣ гардида, роҳҳои такмили низоми идоракунии риск, истифодаи усулҳои муосири баҳодиҳӣ ва коҳиш додани таъсири хавфҳо дар фаъолияти субъектҳои савдои чакана пешниҳод шудаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муаллиф ҷиҳати такмил додани механизми риск-менеҷмент ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳаи савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Аз ҷониби довталаб навгонии илмии диссертатсия дар таҳияи равиши консептуалӣ оид ба такмили механизми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана ифода ёфта, ҳамгироии усулҳои муосири арзёбии хавфҳо бо воситаҳои стратегии идоракунии онҳо ва таъмини устувории фаъолияти субъектҳои савдои чакана дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ асоснок карда шудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот довталаб моҳияти иқтисодии савдои чакана, риск ва риск-менеҷментро таҳлил намуда, таснифоти рискҳо, омилҳои таъсиррасон ва усулҳои асосии арзёбии онҳоро такмил додааст. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами хориҷӣ аз ҷониби довталаб асосҳои назариявию методии ташаккули низоми риск-менеҷмент, сохтор, алгоритм ва марҳилаҳои татбиқи он дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана асоснок гардидаанд. Ҳамчунин, довталаб вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди савдои чаканаи вилояти Суғдро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, сатҳи рискҳо, манбаъҳои асосии пайдоиши онҳо ва омилҳои таъсиррасонро муайян намудааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби довталаб стратегия ва самтҳои асосии такмили механизми риск-менеҷмент пешниҳод гардида, тавсияҳои илмӣ ва амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунии риск дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана таҳия шудаанд.

Ақидаҳои дар боло зикршуда навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна-ро дар анҷом додани таҳқиқот нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ асоснок буда, бо далелҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои иқтисодӣ тақвият дода шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии нашргардидаи довталаб ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот довталаб барои ҳар як самти асосии ташаккул ва рушди механизми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои мушаххаси амалӣ пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, назарияҳо, равишҳо ва таҷрибаи пешқадами як қатор давлатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии риск дар фаъолияти субъектҳои савдои чакана мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, имконияти истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Довталаб инчунин масъалаҳои вобаста ба муайян намудани омилҳои асосии пайдоиши риск, ташаккули низоми самараноки риск-менеҷмент, истифодаи воситаҳои муосири арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин самтҳои такмили механизми риск-менеҷментро дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)» аз ҷиҳати илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дар сатҳи баланд иҷро гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи довталаб барои такмили низоми идоракунии риск ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Умуман, рисолаи илмии таҳиянамудаи унвонҷӯ Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, он барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод гардида, Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Машокиров Ҷ.Н.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Деҳоти 1/2
Телефон: 2348434 E-mail: jamshed_tguk@mail.ru

Имзои « Машокиров Ҷ.Н.»-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Телефон: (+992 37) 2348346, 2348546
Сомонаи расмӣ: www.tguk.tj
E-mail: tguk2025@gmail.com

20 сентябри 2025с.